# ФАСОДКОРОН “ФАРОМӮШ” НАМЕШАВАНД…

Мазли Малик - вазири маорифи давлати Малайзия гуфтааст, ки китобҳои дарсии фанни таърихро аз сари нав нашр карда, ба он баъзе мавзӯъҳои имрӯза, алалхусус, ришваситониро ворид хоҳад кард. “Дар таҳрири нав ба фасод олуда будани баъзеро илова мекунам, то наслҳои оянда хонда ин хаторо такрор накунанд”, - таъкид кардааст вазир. Манзур аз “баъзе…”, пеш аз ҳама, Наҷиб Разоқ, сарвазири собиқи Малайзия мебошад, ки соли равон ба фасоди густурда муттаҳам гардид. Воқеан, ришваситонӣ ё худ коррупсия як зуҳуроти хеле зишту барои ҷамъият зиёновар мебошад. Он ҷинояте мебошад, ки рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро боз медорад. Феълан ҳаҷми солонаи ришваситонӣ дар дунё як триллион доллар арзёбӣ мешавад. Бар иловаи ин, иқтисодиёти ҷаҳон ҳар сол 2,6 триллион долларро бо сабаби амалҳои коррупсионӣ аз даст медиҳад. Бино ба маълумоти Барномаи рушди СММ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ “нобудшавии маблағ” бо сабаби мавҷуд будани коррупсия аз маблағе, ки ҳар сол ба хотири пешрафти давлатҳо ҷудо карда мешавад, 10 баробар бештар будааст.

Коррупсия маразе мебошад, ки алҳол ҳеҷ як давлат, ҳеҷ як минтақа ва ҳеҷ як ҷомеа аз вай дар амон нест. Ба ҳар ҷойе, ки коррупсия рушд кард, яъне амалҳои коррупсионӣ бештар шуд, адолати иҷтимоӣ заиф мегардад, иқтисодиёт хароб, тиббу маорифу фарҳанг ва маънавиёт аз инкишоф мемонад. Ба маънои томаш инсоният зарар мебинад.

Дар дунё роҳҳои мубориза ба ин балоро ҷустуҷӯ доранд, вале то ҳол дар ягон нуқтаи олам роҳи халос шудан аз ришваситонӣ, ки батамом коргар бошад, пайдо нашудааст. Зеро на маҳрум намудан аз озодӣ, на қатл кардан дар ҳузури ом, на буридани даст ё аъзои дигари шахси ришвахор ва усулҳои дигари ҷазодиҳӣ барои аз байн рафтани коррупсия кумак накардааст.

…Ва ин ки дар Малайзия тасмим гирифтаанд, сиёсатмадорон ва роҳбарони фасодкорро ба китобҳои дарсии таърих ворид мекунанд, то ки ибрати наслҳои баъдӣ шавад, низ як роҳи мубориза бо фасод аст. То куҷо таъсиргузор мешавад вақт довар. Вале ба ҳар сурат мешавад, ки ҷомеаҳои дигар низ аз ин шеваи мубориза истифода баранд. Кӣ медонад, шояд кумак расонад...

**Маҳмудҷон УСМОНОВ**,
ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ